# 12423 - Оё паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) Парвардигори худро дар шаби Меъроҷ дидааст?

**савол**

Оё паёмбар Муҳаммад (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) Аллоҳ таъолоро ҳузуран бевосита дидааст, дар рӯзе ки биҳишту дӯзах ва ғайраро дид?

Агар ҷавоб "бале" бошад, аз шумо хоҳиш мекунам, ки далели онро аз Қуръону суннат ба ман бифиристед.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аксари саҳобагон ба ин назаранд, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар шаби Меъроҷ Аллоҳ таъолоро бо чашми худ надидааст.

Аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки мегӯяд: **«Ҳар кас ба ту бигӯяд, ки Муҳаммад (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) Парвардигорашро дидааст, ба таҳқиқ дурӯғ гуфтааст, чун ӯ мегӯяд: Чашмҳо Ӯро дар намеёбанд... ».** Ривояти Бухорӣ (Тавҳид/6832).

Аз Абузар ривоят шудааст, ки мегӯяд: Аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пурсидам: Оё Парвардигоратро дидай? Фармуд: **«Ӯ нур аст, чи гуна Ӯро мебинам».** Ривояти Муслим (Имон/261).

Аз Ибни Аббос ривоят шудааст, ки мегӯяд: **«Дил он чиро, ки дид, дурӯғ нашумурд. Дар ҳақиқат, як бори дигар низ ӯро дидааст».** (Ибни Аббос) мегӯяд: **"Бо дили худ Ӯро ду бор дидааст".** Ривояти Муслим (Имон/258).

Ибни Қайим мегӯяд: Усмон ибни Саиди Доримӣ дар китоби худ "Арруъя" нақл мекунад, ки иҷмои саҳобагон бар ин аст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) Парвардигорашро

дар шаби Меъроҷ надидааст ва баъзе аз уламо Ибни Аббосро аз ин иҷмоъ истисно мекунанд. Аммо устоди мо мегӯяд, ки дар ҳақиқат ӯ мухолифат накардааст, чун Ибни Аббос нагуфтааст, ки Ӯро бо ду чашми сар дидааст ва Аҳмад низ бар ин эътимод намуда, дар яке аз ду ривоятҳо гуфтааст: Ӯ Аллоҳро дидааст, аммо нагуфтааст, ки бо ду чашми сар дидааст. Ибораи Аҳмад ин ҳамон ибораи Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) аст. Бар дурустии сухани устодамон дар маънои ҳадиси Абузар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) сухани дигари ӯ дар ҳадиси дигар далолат мекунад, ки гуфтааст, ки пардааш нур аст ва он нур Ӯст, Аллоҳ донотар аст ба он нуре, ки дар ҳадиси Абузар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) зикр шудааст:
**«Нурро дидам».**

Китоби "Иҷтимоъу-л-ҷуюши-л-исломия" Ҷилди: 1. Саҳ: 12.

Шайху-л-ислом (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) мегӯяд: Фасл. Аммо оиди руъят (дидани Аллоҳ), дар ҳадиси саҳеҳ аз Ибни Аббос собит шудааст, ки ӯ гуфтааст: Муҳаммад (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бо қалбаш ду бор Парвардигорашро дидааст. Аммо Оиша руъят (дидани Аллоҳ)-ро инкор кардааст. Баъзе аз мардумон ин ду мафҳуми мухолифро чунин ҷамъ кардаанд: Оиша дидани Аллоҳро бо чашми сар инкор намудааст, аммо Ибни Аббос дидани Аллоҳро бо қалб исбот кардааст. Лафзу ибораҳое, ки аз Ибни Аббос собит шудаанд, ё мутлақанд ва ё бо "қалб" муқайяд шудаанд, гоҳо мегӯяд, Муҳаммад Парвардигорашро дидааст ва гоҳо мегӯяд, Муҳаммад Ӯро дидааст. Аз Ибни Аббос ибораи сареҳу равшане собит нашудааст, ки паёмбар Ӯро бо чашмаш дида бошад.

Ҳамчунин Имом Аҳмад гоҳо мутлақан мегӯяд, ки (паёмбар) Аллоҳро дидааст ва гоҳо мегӯяд, ки (паёмбар) бо қалбаш Аллоҳро дидааст. Ҳеҷ кас аз Имом Аҳмад нашунидааст, ки ӯ гуфта бошад, ки паёмбар Аллоҳро бо чашмаш дидааст, аммо баъзе аз ёронаш сухани мутлақи ӯро шунида, аз он фаҳмидаанд, ки манзур аз он бо чашм дидан аст. Ҳамчунин баъзе аз мардум сухани мутлақи Ибни Аббосро шунида, аз он фаҳмидаанд, ки манзур аз он бо чашм дидан мебошад.

Дар далелҳо наомадааст, ки паёмбар Аллоҳро бо чашмаш дидааст. Ин чиз аз ягон саҳоба собит нашудааст ва дар китоб (Қуръон) ва суннат чунин мафҳуме вуҷуд надорад, балки нусуси саҳеҳ бештар бар нафйи он далолат мекунанд, чуноне ки дар "Саҳиҳ"-и Муслим аз

Абузар ривоят шудааст, ки мегӯяд: Аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пурсидам, ки оё Аллоҳро дидаӣ? Дар ҷавоб фармуд: **«Ӯ нур аст, чи гуна метавонам Ӯро бубинам».**

Аллоҳ таъоло фармудааст:

سُبْحَانَ الَّذِي أَسْرَى بِعَبْدِهِ لَيْلًا مِنَ الْمَسْجِدِ الْحَرَامِ إِلَى الْمَسْجِدِ الأَقْصَى الَّذِي بَارَكْنَا حَوْلَهُ لِنُرِيَهُ مِنْ آيَاتِنَا

سورة الإسراء: ١

**«Поку муназзаҳ аст он зоте, ки бандаашро шабе аз масҷиду-л-ҳаром ба Масҷиду-л-ақсо бурд, ки атрофи онро пурбаракот намудаем, то бархе аз нишонаҳои худро ба ӯ нишон диҳем»**. (Сураи Исро: 1).

Агар Аллоҳ худро ба ӯ нишон медод, зикр намудани он авлотар буд. Инчунин Аллоҳ таъоло мефармояд:

أَفَتُمَارُونَهُ عَلَى مَا يَرَى

سورة النجم: ١٢

**«Оё бо ӯ дар бораи он чи мебинад, муҷодала мекунед?».** (Сураи Наҷм: 12).

لَقَدْ رَأَى مِنْ آيَاتِ رَبِّهِ الْكُبْرَى

سورة النجم: ١٨

**«Ба ростӣ порае аз нишонаҳои бузурги Парвардигорашро дид».** (Сураи Наҷм: 18).

Агар паёмбар Аллоҳро бо чашми худ медид, зикр намудани он авлотар буд.

Бо нусуси саҳеҳ ва иттифоқи гузаштагони ин уммат собит шудааст, ки ҳеҷ кас дар ин дунё Аллоҳро бо чашмаш намебинад, магар ихтилофе, ки дар мавриди дидани хосси паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рӯй додааст, дар ҳоле ки иттифоқ кардаанд, ки дар рӯзи қиёмат мӯъминон Аллоҳро ба таври возеҳу ошкор мебинанд, чуноне ки офтобу моҳро мебинанд. Поёни сухан.

Аллоҳ донотар аст.